Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илм
аз 30 апрели соли 2015, №11/10
тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ**

## I.Муқаррароти умумӣ

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро хатм намудаанд, ташкил ва гузаронидани озмуни қабули онҳо бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ректор (директор) ё муовини ректор (директор) оид ба таълим мебошад.

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фақат бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои мухталиф расман эълон намояд (филиали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд мустақиман иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ дошта бошад).

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи равия ва ихтисосҳо, теъдоди қабулро аз рӯи равия ва ихтисосҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва тариқи шартномавӣ эълон намояд.

2.Шахсоне, ки коллеҷҳои соҳавиро бо «Дипломи аъло» хатм намудаанд, ба истиснои ихтисосҳои тиббӣ, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 6 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси 2-юми шуъбаи рӯзона ва ё ба курси 3-юми шуъбаи ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тариқи суҳбат ба ҷойҳои буҷавии (барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии худмаблағгузор дар гурӯҳҳои шартномавӣ)-и дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда қабул карда мешаванд.

3.Шахсоне, ки гурӯҳҳои буҷавии коллеҷҳои соҳавиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, пас аз 3 соли хатм ва кор кардан дар истеҳсолот, (дар ҳолати зарурияти истеҳсоли ба таври истисно бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба истиснои ихтисосҳои тиббӣ дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 6 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси 2-юми шуъбаи рӯзона ва ё ба курси 3-юми шуъбаи ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия ва

озмун ба ҷойҳои холии буҷави (барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии худмаблағгузор дар гурӯҳҳои шартномавӣ) қабул карда мешаванд.

Ба таври истисно хатмкардагони ин зинаи таҳсилот, ки собиқаи кори 3-сола доранд, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (нусхаи диплом) дар сурати ҷавобгӯ буданашон ба талаботи банди мазкур метавонанд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул карда шаванд.

4.Шахсоне, ки гурӯҳҳои шартномавии коллеҷҳои соҳавиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 6 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба ҷойҳои холии гурӯҳҳои шартномавии курси 2-юми шуъбаи рӯзона ва ё курси 3-юми шуъбаи ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия ва озмун, қабул карда мешаванд.

Шахсоне, ки гурӯҳҳои буҷавии ин гуна коллеҷҳоро ба анҷом расонидаанд (тибқи хоҳиши онҳо дар асоси ариза), аз ин имтиёз бархӯрдор мебошанд.

Шахсоне, ки коллеҷҳои тиббиро тамом кардаанд, бо иҷозати Вазорати маориф ва илм ба ихтисосҳои биология ва химия тибқи талаботи Қоидаҳои қабули мазкур қабул карда мешаванд.

5.Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм намудаанд ва зиёда аз панҷ сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, ба курси дуюм ва шахсоне, ки зиёда аз даҳ сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисосҳо (бо назардошти на зиёда аз 6 фарқияти нақшаи таълимӣ) ба курси сеюми шуъбаи ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (соҳаи омӯзгорӣ) аз рӯи натиҷаи суҳбат, бе озмун, қабул карда мешаванд.

6.Дар сурати ҷавобгӯ набудани сатҳи дониши довталабон ба талаботи банди 5 комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад онҳоро (тибқи хоҳиш ва аризаи довталаб) ба ҷойҳои шартномавии дар нақшаи қабул барои чунин ашхос ҷудошуда, қабул намояд.

7.Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул ва комиссияи аттестатсионӣ аз 20 июн то 31 июл ва муҳлати гузаронидани суҳбат аз 1 то 20 август таъин карда мешавад.

8.Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамоянд:

-ариза ба номи ректор (директор);

-ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ намунаи давлатӣ- асл (маълумотнома дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ қабул карда намешавад).

9.Довталабоне, ки таҳсилоти миёнаи касбиро дар хориҷи кишвар гирифтаанд, баъди аз нострификатсия (баробарарзишии) гузаронидани ҳуҷҷати таҳсилоти худ ва муайян шудани дараҷаи сатҳи таҳсилот метавонанд ба комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат пешниҳод намоянд.

10.Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб ба озмуни қабул ҳозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашташуда ҳисобида мешаванд.

11.Дар сурати қаноатманд набудан аз озмун довталаб ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо натиҷаи суҳбаташ (агар хаттӣ низ бошад) дар муҳлати то 3 рӯз тариқи апеллятсия (комиссяи апелляти сонӣ бо фармоиши ректор таъсис дода мешавад) шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав гузаштани суҳбат набуда,

балки танҳо санҷиши дурустии он мебошад ва он дар протокол қайд карда мешавад.

12.Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал баровардa мешавад.

13. Натиҷаи суҳбат-озмун дар протоколи махсус қайд карда мешавад (нусхаи протокол замима мегардад).

13.Риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабули мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

14. Аз натиҷаи фаъолияти кори комиссияи қабул то 20 сентябри соли 2015 маълумоти муфассал пешниҳод карда шавад.